ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ КОРШИНОСОНИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНӢ

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Ҳалимзода Далер Обид дар мавзуи «Таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» (солҳои 2003-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилӣ ва сиёсати беруна

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои таърих Латифов Ҷ.Л. (раиси комиссия), доктори илмҳои сиёсӣ Муродова Н.С. ва доктори илмҳои таърих Турсунов Т.Х, ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 03.11.2026 ташкил карда шудааст, диссертатсияи Ҳалимзода Далер Обид дар мавзуи «Таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» (солҳои 2003-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилӣ ва сиёсати берунаро баррасӣ намуда, аз натиҷааш чунин хулоса бароварда:

1. **Мутобиқати мавзуъ, мухтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илм**. Мавзуи «Таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» (солҳои 2003–2021)» ба бандҳои 3 – Муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, 6-Бозсозии муносибатҳои байналмилалӣ, сайри такомул ва моҳияти он ва 7-Афзалиятҳои миллӣ-давлатӣ дар сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалии шиносномаи ихтисоси илмии 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна, ки бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд. Мавзуи мазкур раванди ташаккул, рушд ва таҳаввули муносибатҳои дуҷонибаи байнидавлатиро дар давраи муайяни таърихӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ки ин таҳқиқот дар доираи ин ихтисос ба ҳисоб меравад. Мухтавои диссертатсия ва автореферати он ба соҳаи таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна мувофиқ аст.

2. **Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2003 инҷониб дар сиёсати хориҷӣ ба татбиқи сиёсати «дарҳои кушод» талош меварзад, ки он ба ташаккули равобити гуногунсамт бо кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо Ҷумҳурии Исломии Эрон мусоидат намудааст. Равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар солҳои 2003–2021 марҳилаҳои гуногунро сипарӣ намуда, намунаи барҷастаи татбиқи

сиёсати гуногунсамт дар шароити ҳамзабонӣ ва тафовути сиёсӣ мебошад. Таҳқиқи таърихи ин давра имкон медиҳад, ки нақши омилҳои фарҳангӣ-таърихӣ, иқтисодӣ ва геополитикӣ дар таҳаввули муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии исломии Эрон илман асоснок карда шавад. Таҳлили равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамчун шарики муҳим дар лоиҳаҳои зерсохторӣ ва сармоягузорӣ барои дарки механизми амалии сиёсати «дарҳои кушод» аҳамияти хоса дорад. Натиҷаҳои чунин таҳқиқот барои таҳкими сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва паёмади тамоюлҳои ояндаи ҳамкорӣ дар минтақа аҳамияти амалӣ касб мекунанд. Таҳқиқи мавзуи мазкур муҳим буда, ниёз ба таҳқиқи васеътару фарохтарро дорост. Зеро он яке аз ҷанбаҳои камтаҳқиқшудаи сиёсати «дарҳои кушод»-ро фаро мегирад. Ҳамзамон, равобити мутақобилаи ду кишварро чун шарики стратегӣ ва фарҳангӣ таҳлил мекунад. Дар бароаи ин, барои илми ватанӣ ва таҷрибаи дипломатӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

3. **Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Диссертант мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиш ва таҳлили комплексии раванди ташаккул, таҳаввул, рукуд, эҳё ва дурнамои муносибатҳои сиёсиву дипломатӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эронро дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» муқаррар намудааст. Барои расидан ба ин ҳадаф, диссертант ҳафт банди асосии таҳқиқшавандаро вазифаи муҳим ҳисобида, шароит, омилҳо ва заминаҳои таърихии ташаккул ва таҳаввули робитаҳои сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эронро таҳқиқу баррасӣ намудааст. Инчунин, вазифаи муҳими дигар мушаххас намудани дурнамои робитаҳои сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар пасманзари тағйротҳои геополитикии минтақа ва ҷаҳон ҳисобидааст.

4. **Навгонии илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама, дар он аст, ки бори нахуст дар таърихнигории муосири тоҷик, махсусан доираи рисолаи номзадӣ, масоили мубрами равобити ду кишвар бо фарогирии маводди нав баррасӣ мешавад. Албатта, баъзе паҳлуҳои мавзуъ дар доираи рисолаҳои ҷудогона мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд, вале дар самти таърихи муносибатҳои байналмилалӣ бо фарогирии маводди ҷадид баъзе масъалаҳои норӯшани равобити дипломатии ду кишвар – Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эронро таҳқиқ намудааст. Нуктаи муҳими навгонии кори диссертатсионӣ ба гардиши илмӣ ворид намудани маводди бойгониҳои ҷории ниҳодҳои давлатӣ мебошад.

5. **Аҳаммияти назарӣ ва илмию амалии таҳқиқот** ба таҳқиқи таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии

Исломии Эрон дар солҳои 2003–2021, дар заминаи сиёсати «дарҳои кушод» сурат гирифтааст. Натиҷаҳои таҳқиқот аҳамияти илмӣ доранд ва барои такмил додани асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши таърихи муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва равобити дуҷонибаи он бо Ҷумҳурии Исломии Эрон мусоидат мекунанд. Маводди мазкур барои таҳлили равандҳои сиёсӣ ва геополитикии давраи мавриди назар, хусусиятҳои пайдоиш ва инкишофи муносибатҳои байнидавлатӣ ва таъсири омилҳои минтақавӣ ба рушди робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон қобили истифода мебошанд.

Натиҷаҳо ва мавод метавонанд дар таҳқиқи таърихи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлол, таърихи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон, ҳамчунин таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва равандҳои сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ васеъ истифода шаванд. Ғайр аз ин, онҳо барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва методӣ, барномаҳои таълимӣ ва курсҳои махсус дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, инчунин ҳангоми омода кардани лексияҳо, семинарҳо ва корҳои илмии донишҷӯён, магистрантон ва докторантон муфид хоҳанд буд.

5. **Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои илмии таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби худи ӯ мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд.

6. Диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591) мутобиқ буда, дар кафедраи минтақашиносии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи минтақашиносии факултети муносибатҳои байналмилалии донишгоҳи зикршуда муҳокима ва барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шудааст.

7. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 29, 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

8. Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои муҳим дар соҳаи таърихнигорӣ ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

9. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна мувофиқат менамояд.

10. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ, аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводди чопшуда ба талаботи банди 10-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591) мувофиқ мебошад.

11. Дар диссертатсияи Ҳалимзода Далер Обид истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё сарчашма тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани талаботи банди 40–41 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

12. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Ҳалимзода Далер Обид маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопнагардида мавҷуд нест.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Ҳалимзода Далер Обид дар мавзуи «Таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» (солҳои 2003-2021)»-ро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна баррасӣ намуда,

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Ҳалимзода Далер Обид дар мавзуи «Таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» (солҳои 2003-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Сайидзода Зафар Шералӣ** – доктори илмҳои таърих, мудири шуъбаи ИДМ -и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ;

- **Қудратов Комрон Абдунабиевич** – номзад илмҳои таърих, муҳаррири пешбари шуъбаи таҳрири илмӣ ва адабии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Розигии хаттии муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар тибқи тартиби муқарраргардида гирифта шаванд.

5. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ: Латифов Ҷ. Л.

Аъзои комиссия: Муродова Н. С.

Турсунов Т. Х.

23.11.2026